| № | Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи<br>Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи номи фирмавӣ” | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи номи фирмавӣ” |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Шахсони ҳуқуқии тиҷоратие, ки дар муносибатҳо вобаста истифодабарии номи фирмавӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок менамоянд. |
| 4 | Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 1 феврали соли 2023 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи қарори мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 октябри соли 2022 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 24 октябр то 24 ноябри соли 2022 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон | Мушкилоти зерин дар самти мазкур ҷой дорад:<br>1. Мушкилот оид ба танзими ҳуқуқии амалигардонии ҳуқуқи истисноӣ ба номи фирмавӣ.<br>2. Мушкилот оид ба ҳифзи ҳуқуқи шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ.<br>3. Мушкилот вобаста ба истифодабарии ғайриқонунии |

| | | |
|---|---|---|
| | амал андешида нашавад | номи фирмавӣ.<br>Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи Конвенсияи Париж “Оид ба ҳифзи моликияти саноатӣ” ба ҳисоб меравад, ки Конвенсияи мазкур дар баробари дигар объектҳои моликияти саноатӣ, “Номи фирмавӣ”-ро низ ҳамчун объекти алоҳида ба танзим медарорад.<br>Мутобиқи қисми 4 моддаи 55 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, бояд номи фирмавӣ дошта бошад. Шахси ҳуқуқие, ки номи фирмавии он мувофиқи тартиби муқarraргардида ба қайд гирифта шудааст, барои истифодаи он ҳуқуқи мустасно, яъне истисноӣ дорад.<br>Шахсе, ки номи ба қайд гирифташудаи фирмавии шахси дигарро ғайриқонунӣ истифода мекунад, бо талаби соҳиби ҳуқуқдори номи фирмавӣ вазифадор аст истифодаи онро қатъ карда, зиёни расонидаашро ҷуброн намояд.<br>Боиси зикр аст, ки дар қисми 4 моддаи 55 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид шудааст, ки тартиби бақайдгирӣ ва истифодаи номи фирмавиро қонунҳо мутобиқи ҳамин Кодекс муайян менамоянд. Тавре, ки дида мешавад муносибатҳои ҳуқуқӣ вобаста ба номи фирмавӣ мутобиқи меъёрҳои Кодекси гражданӣ ва меъёрҳое, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии иловагӣ муқаррар гардидаанд, татбиқ карда мешаванд.<br>Мавриди қайд аст, ки номи фирмавӣ мутобиқи қисми 2 моддаи 1126 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз объектҳои алоҳидаи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ муқаррар карда шудааст, аммо дар Кодекси мазкур мафҳум ва мазмуни номи фирмавӣ пешбинӣ нашудааст.<br>Ҳамзамон, тартиби бақайдгирии номи фирмавӣ дар асоси бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба роҳ монда шудааст, вале дигар муносибатҳое, ки аз истифодабарии “Номи фирмавӣ” бармеоянд ба танзим дароварда нашудаанд, аз он ҷумла муносибатҳои объекти мазкур бо дигар |

| | | |
|---|---|---|
| | | воситаҳои фардикунонии молу хизматрасонӣ дар муомилоти граждании.<br>Ҳангоми қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи номи фирмавӣ” мушкилиҳое, ки байни номи фирмавӣ ва дигар воситаҳои фардикунонӣ (тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ, ишораҳои ҷуғрофӣ ва нишонаи тиҷоратӣ) ба вуҷуд меоянд, пурра бартараф хоҳанд шуд, инчунин баррасӣ ва ҳалли баҳсҳо миёни шахсони ҳуқуқӣ, воқеӣ, соҳибкорон ва мақомотҳои ваколатдори давлатӣ, аз он ҷумла судҳо ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ осон мегарданд. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи номи фирмавӣ” ҷиҳати дар амал татбиқ намудани муқаррароти банди 39 Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №210 тасдиқ гардидааст ва бо мақсади иҷрои супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 августи соли 2013, №7713 (12.2-6) оид ба таҳия намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба “Номи фирмавӣ” таҳия гардидааст. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи номи фирмавӣ” аз 4 Боб ва 17 модда иборат мебошад.<br>Лоиҳаи Қонуни мазкур муносибатҳоро вобаста ба ҳифзи ҳуқуқ ва истифодабарии номи фирмавӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад.<br>Дар лоиҳаи Қонун чораҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:<br>- талаботҳо нисбат ба номи фирмавӣ;<br>- ҳифзи ҳуқуқии номи фирмавӣ;<br>- тарзҳои ҳифзи ҳуқуқии номи фирмавӣ;<br>- мавриди баҳс қарор додан ва беэътибор донистани ҳифзи ҳуқуқии номи фирмавӣ;<br>- қатъ ғардидани ҳифзи ҳуқуқии номи фирмавӣ ва ғайра.<br>Дар лоиҳа барои субъектҳои соҳибкорӣ уҳдадориҳои зерин пешбинӣ мегарданд: |

| | | |
|---|---|---|
| | | - пешниҳоди ариза вобаста ба гирифтани хулосаи мақоми ваколатдор вобаста ба номи фирмавӣ;<br>- бақайдгирии номи фирмавӣ;<br>- вайрон накардани номи фирмавии дигар шахсони ҳуқуқӣ;<br>- ҳифзи ҳуқуқ ва истифодабарии номи фирмавии шахси ҳуқуқӣ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он дар мақомоти ваколатдори давлатӣ ба вуҷуд меояд.<br>Дар лоиҳаи мазкур маҳдудияти зерин барои субъектҳои соҳибкорӣ пешбинӣ мегардад:<br>- истифодаи номи фирмавӣ пас аз гирифтани хулосаи мақоми ваколатдор ва бақайдгирии он. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Тартиби бақайдгирии номи фирмавӣ дар асоси бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба роҳ монда шудааст, вале дигар муносибатҳое, ки аз истифодабарии “Номи фирмавӣ” бармеоянд ба танзим дароварда нашудаанд, аз он ҷумла муносибатҳои объекти мазкур бо дигар воситаҳои фардикунонии молу хизматрасонӣ дар муомилоти гражданӣ.<br>Бидуни таҳияи чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки Стратегияи миллии рушди моликияти зеҳнии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ намудааст, ҳалли мушкилиҳои ҷойдоштаи соҳавӣ ва ба танзим даровардани муносибатҳо вобаста ба истифодабарии номи фирмавӣ ғайриимкон мебошад. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Лоиҳаи Қонуни мазкур аз буҷети ҷумҳуриявӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад.<br><br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- сатҳи хизматрасониҳои бақайдгирии номи фирмавӣ баланд мегардад;<br>- ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ҳифз мегарданд;<br>- номи фирмавӣ дар доираи истифода бурда мешавад;<br>- фардикунонии шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ ба роҳ монда мешавад.<br><br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур: |

| | | |
|---|---|---|
| | | - рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва иқтисодиёти кишвар;<br>- рушди соҳаи моликияти зеҳнӣ. |
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Муносибатҳо вобаста ба ҳифзи ҳуқуқӣ ва истифодабараии номи фирмавӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меоянд, пурра ба танзим даровaрда мешавад. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал карор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 1 марти соли 2023 |

Директори Муассисаи давлатии
“Маркази миллии патенту иттилоот”-и
Вазорати рушди иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон Исмоилзода М.Ҳ.